**Тақриз**

**ба автореферати Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара» (солҳои 1924 - 2024) аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 –Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07-Мардумшиносӣ, этнология ва антропология)**

Дар шароити соҳибистиқлолӣ омӯзиши хусусиятҳои таърихиву фарҳангии ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ зарур аст. Зеро метавон ҷанбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва дигар масъалаҳои норавшани кишварро таҳқиқ намуда, роҳҳо ва воситаҳои инкишофи ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистонро таъмин ва таъриху тамаддуни қадимаи миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Аҳаммияти дигари мавзуи таҳқиқшаванда дар он аст, ки муаллиф робита ва пайванди иҷтимоию фарҳангии минтақаи Кӯлобро дар мисоли мардуми ноҳияи Данғара бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи мардумшиносӣ муфассал таҳлил намуда, ҳамгироии онҳоро дар замони шуравӣ ва давраи истиқлолият баррасӣ намудааст.

Омӯзиши ҷашнҳо, маросим ва бозиҳои анъанавии тоҷикон, гарчанде дар садаи XIX аз тарафи муҳаққиқони рус оғоз шуда бошад ҳам, аммо масоили фарҳангии мардуми Данғара ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Бояд қайд кард, ки роҷеъ ба таърих, таркиби этникӣ, баъзе расму ойинҳо, касбу ҳунар ва бозиҳои мардумии ин минтақа дар чанде аз китобҳо ва мақолаҳо маълумоти мухтасар оварда шудааст. Чунончи, дар китобу мақолаҳои илмии Ш. Юсупов, Ю. Яқубов, Н.Х. Нурҷонов, Ғ. Ғоибов, Т.Г. Филимонова, У. Шерхон, А. Азизов ва дигарон, Ф. Салимзода,масоили мардумшиносии минтақаи Кӯлоб ва ноҳияи Данғара ба таври фишурда инъикос шудааст. Ҳамин тариқ, паҳлӯҳои гуногуни расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб, хусусан ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва истиқлолият дар асарҳои илмӣ ва фолклоршиносӣ иникос шуда, аз нигоҳи таърихӣ пурра омӯхта нашудааст.

Аҳаммияти дигари ин рисола дар он аст, ки бори аввал мукаммал ва мушаххас дар бораи расму анъана ва бозиҳои мардумие, ки дар байни сокинони ноҳияи Данғара паҳн гардидаанд, маълумоти муфид додааст.

Тамоми зинаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ, мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии таҳлил, усулҳои баҳодиҳӣ саҳми худро гузоштааст.

Автореферат кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Салимзода Фатҳиддин Файзиддиндар мавзуи «Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара» (солҳои 1924 - 2024) барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07- Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он Салимзода Фатҳиддин Файзиддин.,барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07- Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда: мудири кафедраи фарҳангшиносӣ ва мардумшиносии МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» н.и.т. Баротов М.Ю.

Имзои Баротов М-ро
тасдиқ мекунам;
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав» Наҷмиддинзода М.М.

**Нишонӣ**: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-23-64, 2-22-53 www.btsu.tj, почтаи электронӣ: btsu78.@mail. ru

«11» декабри соли 2025